# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Файзиев Спитамен Абулҳақович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Файзиев Спитамен Абулҳақович фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Зеро вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии ҶТ соҳибистиқлол ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Таъмин намудани амнияти шахс, ҳуқуқ ва озодии он, аз таҳдиди бо ҷинояткорӣ алоқамандбуда мебошад ва яке аз мақсадҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ аст.

Эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ буда, давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Яке аз муҳимтарин ҳуқуқ ва озодии ҷудонашавандаи шахс ин – дахлнопазирии манзил аст. Аз ин рӯ, дахлнопазирии манзил – дахлнопазирии моликияти шахсӣ ва сирри ҳаёти маҳрамонаро таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, имрӯз ҳама давлат ба зуҳуроти ҳаёти шахсии инсон ва манфиатҳо эҳтиромона муносибат менамояд.

Бо ин мақсад ҳуқуқи дахлнопазирии шахсӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ низ мустаҳкам карда шудааст. Дар м. 17 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ қайд гардидааст, ки: «Ҳеҷ кас набояд ба дахолати худсарона ё ғайриқонунӣ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ӯ, ҳамлаҳои худсарона ё ғайриқонунӣ ба дахлнопазирии манзил ё маҳфияти мукотиба ё ҳамлаҳои ғайриқонунӣ ба шаъну эътибори ӯ дучор шавад. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки аз чунин мудохила ва чунин таҷовуз зери ҳимояи қонун бошад».

Бояд қайд намуд, ки дар шароити муосир, ки робитаи зич вобаста ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва таъмини амалӣ намудани дигар ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мавҷуд мебошад, таъмин ва кафолати дахлнопазирии манзил тавассути қонун хеле мубрам мегардад. Ҳар як шаҳрванди ҶТ ба дахлнопазирии манзил аз дахолати ғайриқонунии шахсони дигар ва ҳатто намояндагони давлат дорад, ки бо моддаи 22 Конститутсияи ҶТ тасдиқ ва кафолат дода шудааст.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҶТ ва такмили таҷрибаи татбиқи он шояд роҳи ягонаи воқеии ҳалли мушкилоти ҳифзи ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил бошад. Дар робита ба ин, баррасии қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳо хориҷӣ мубрам мебошад, ки ба омӯзиши таҷрибаи онҳо дар самти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии мусоидат менамояд.

Омӯзиши вазъи ҷинояткорӣ, инчунин меъёрҳои қонунгузории дохилидавлатӣ дар самти мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил нишон медиҳад, ки таҳия ва такмили илмӣ-консептуалии ҳуқуқи ҷиноятӣ, муайян кардани шакли вайрон намудани дахлнопазирии манзил, коркарди як қатор мафҳумҳои зарурӣ аз ҷумла истифодаи калимаи «манзил», муайян намудани самтҳои асосии рушди минбаъдаи қонуни ҷиноятиро дар ин самт зарур мебошад.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, бандубасти ҷинояти мазкур, фарқияти он аз дигар таркибҳои ҳамшабеҳ ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дастрас нест. Гуфтаҳои болозикр, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мубрамияти мавзуи таҳқиқотро муайян намуда, талаб мекунанд, ки пешниҳодҳои самаранок баҳри такмили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил таҳия карда шавад ва имконияти дар амалия татбиқи онро боз ҳам зиёд гардонанд. Дар ин робита, муайян кардани роҳҳои боз ҳам дурусти ҳалли ин масъалаҳо дар шароити воқеияти муосир басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамчунин, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Файзиев Спитамен Абулҳақович чунин хулоса намудан мумкин аст, ки он дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнозирии манзил ба анҷом расида, диссертант мушкилиҳоеро, ки ба масъалаи мазкур дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа монеа эҷод мекунанд, ошкор намуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илман асоснокро ироа менамояд.

Гуфтаҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи

судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан имконпазир аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Файзиев Спитамен Абулҳақович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровара шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Файзиев Спитамен Абулҳақович маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абулҳақович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳамитович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон;

**Зокирзода Зафар Хайрулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мовини ректор оид ба корҳои таълими Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар н. Рашт.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия – Муассисаи таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» (ш. Хуҷанд), таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шарипов С.С.

26.10.2023